БОНКИ ЭСХАТА

Дар маҷлиси умумии
саҳмдорони ҶСК «Бонки Эсхата»
пайнавишти №11 аз 11.05.2012с.
«Тасдиқ карда шуд»
Раиси Шӯрои Нозирони
ҶСК «Бонки Эсхата»

_______________ Каримов Р.Х.

# ОИННОМАИ
# ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДАИ «БОНКИ ЭСХАТА»

(бо назардошти тағйироту иловаҳо)

Тағйироту иловаҳо ба Оиннома тасдиқ карда шудаанд дар:
1) Маҷлиси ғайринавбатии умумии саҳмдорони ҶСК «Бонки Эсхата» (пайнавишти №13 аз 06.09.2013с.)
2) Маҷлиси умумии саҳмдорони ҶСК «Бонки Эсхата» (пайнавишти №15 аз 08.05.2014с.)
3) Маҷлиси ғайринавбатии умумии саҳмдорони ҶСК «Бонки Эсхата» (пайнавишти №19 аз 04.11.2015с.) тасдиқ карда шудаанд.
4) Маҷлиси умумии саҳмдорони ҶСК «Бонки Эсхата» (пайнавишти №20 аз 28.04.2016с.)
5) Маҷлиси ғайринавбатии умумии саҳмдорони ҶСК «Бонки Эсхата» (пайнавишти №21 аз 20.06.2016с.)

Хуҷанд

# МУНДАРИЧА


МОДДАИ I – НОМГӮИ БОНК ...3

МОДДАИ II – НОМГӮЙ, СУРОҒАИ ҲУҚУҚӢ ВА ПОЧТАВӢ,МӮҲЛАТИ ФАЪОЛИЯТИ БОНК ...3

МОДДАИ III – ФАЪОЛИЯТИ БОНК ...3

МОДДАИ IV – ВАЗЪИ ХУҚУҚИИ БОНК ...4

МОДДАИ V – САРМОЯИ ОИННОМАВИИ БОНК ...4

МОДДАИ VI – ГУЗАШТИ ҲУҚУҚ БА САҲМИЯҲОИ БОНК ...5

МОДДАИ VII – ХУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ САҲМДОРИ БОНК ...5

МОДДАИ VIII – ФЕҲРИСТИ САҲМДОРОНИ БОНК ...5

МОДДАИ IX – ТАРТИБ ДОДАНИ РӮЙХАТИ ШАХСОН БАРОИ ИШТИРОК ДАР МАҶЛИСИ УМУМИИ САҲМДОРОН ...6

МОДДАИ X – МАҶЛИСИ УМУМИИ САҲМДОРОН ...7

МОДДАИ XI –ОГОҲОНИДАН ОИДИ МАҶЛИСИ УМУМИИ САҲМДОРОН ...7

МОДДАИ XII – ТАРТИБ ВА САЛОҲИЯТИ МАҶЛИСИ УМУМИИ САҲМДОРОН ...7

МОДДАИ XIII – ОВОЗҲОИ САҲМДОРОН ...9

МОДДАИ XIV – ВАКОЛАТНОМА ...9

МОДДАИ XV - ШӮРОИ НОЗИРОН ...10

МОДДАИ XVI – ОГОҲКУНИИ ҶАЛАСАҲОИ ШӮРОИ НОЗИРОН ...10

МОДДАИ XVII – ТАРТИБИ ҶАЛАСА ВА САЛОҲИЯТИ ШӮРОИ НОЗИРОН ...11

МОДДАИ XVIII – РАЁСАТ ВА ВАКОЛАТҲОИ ОН ...12

МОДДАИ XIX – КУМИТАИ АУДИТ ...14

МОДДАИ XX – ҲИСОБИ МУҲОСИБӢ ...14

МОДДАИ XXI – МУНОСИБАТҲОИ ҲАМДИГАРӢ БО МИЗОҶОН ...15

МОДДАИ XXII – АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ БОНК ...15

## МОДДАИ I – НОМГӮИ БОНК.

1.1. Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Бонки Эсхата», ки минбаъд дар Оинномa Бонк номида мешавад, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст ва амал мекунад.

## МОДДАИ II – НОМГӮЙ, СУРОҒАИ ҲУҚУҚӢ ВА ПОЧТАВӢ, МӮҲЛАТИ ФАЪОЛИЯТИ БОНК.

2.1 Номгӯи Бонк:

Бо забони тоҷикӣ: Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Бонки Эсхата» ё мухтасар ҶСК «Бонки Эсхата».

Бо забони русӣ: Открытое акционерное общество «Банк Эсхата» ё мухтасар ОАО «Банк Эсхата».

Бо забони англисӣ: Open Joint Stock Company “Bank Eskhata” ё мухтасар OJSC “Bank Eskhata”.

2.2 Суроғаи ҳуқуқӣ ва почтавии Бонк: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735700, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Гагарин 135

2.3 Бонк бе маҳдудияти мӯҳлати фаъолият таъсис дода шудааст.

## МОДДАИ III – ФАЪОЛИЯТИ БОНК

3.1 Бонк фаъолияти худро дар асоси иҷозатнома барои анҷом додани фаъолияти бонкӣ амалӣ мегардонад. Иҷозатнома аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар шакли хаттӣ, бемӯҳлат ва бе ҳуқуқи ба шахси дигар вогузор кардани он дода мешавад.

3.2 Бонк метавонад амалиётҳои зерини бонкиро анҷом диҳад:

3.2.1 ҷалби амонат ва пасандозҳо;

3.2.2 додани қарзҳо (кредитҳо) (таъминшуда ва таъминнашуда), аз ҷумла:

а) қарзҳои (кредитҳои) истеъмолӣ, ипотекӣ ва байнибонкӣ;

б) факторинг;

в) маблағгузории аҳдҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла форфейтинг;

3.2.3 кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ;

3.2.4 хариду фурӯши воситаҳои зерин барои худ ё муштариён:

а) воситаҳои бозории пулӣ (аз ҷумла: чекҳо, векселҳо, ӯҳдадориномаҳо ва тасдиқномаҳои пасандозӣ);

б) асъори хориҷӣ;

в) саҳмияҳо ва дигар қоғазҳои қиматноки интиқолшаванда;

г) қарордодҳои форвардӣ, созишномаи своп, фючерс, опсион ва дигар ҳосилаҳое, ки ба асъор, саҳмияҳо, вомбаргҳо, металлу сангҳои қиматбаҳо ё қурбу меъёрҳои фоизӣ дахл доранд;

3.2.5 додани кафолат, баҳисобгирии ӯҳдадориҳои шартӣ, аз ҷумла кафолатҳо ва эътиборномаҳо (аккредитивҳо) барои худ ва муштариён;

3.2.6 хизматрасонии фосилавии бонкӣ, клирингӣ, ҳисоббаробаркунӣ ва интиқолӣ марбут ба воситаҳои пулӣ, қоғазҳои қиматнок, супоришномаҳои пардохт ва воситаҳои дигари пардохт (аз ҷумла: кортҳои пардохти бонкӣ, чекҳо, чекҳои сафарӣ, векселҳо ва ғайра);

3.2.7 миёнаравӣ дар бозори пулӣ;

3.2.8 амалиёти сейфӣ, нигаҳдорӣ ва идоракунии дороиҳо (пул, қоғазҳои қиматнок, металлҳо, ҷавоҳирот ва ғайра);

3.2.9 хизматрасонии амалиёти ба боварӣ асосёфта (идоракунии маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қиматнок ва ғайра ба манфиати боварикунанда ва дар асоси супориши ӯ);

3.2.10 ҳар гуна амалиёти дигаре, ки аз амалиёти дар банди мазкур зикршуда бармеоянд ва бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

3.2.11 амалиёти кассавӣ: қабул намудан, аз нав ҳисоб кардан, иваз намудан, бастан ва нигоҳ доштани пулҳои қоғазӣ ва тангаҳо;

3.2.12 ҳамлу нақли пулҳои қоғазӣ, тангаҳо ва ашёи қиматбаҳо (инкассатсия);

3.3 Бонк, ғайр аз амалиёти бонкии дар банди 3.2 Оинномаи мазкур номбаршуда, ҳуқуқ дорад аҳдҳои зеринро ба амал барорад:

-додани замонат, ки иҷрои ӯҳдадориҳои пулиро дар назди шахси сеюм пешбинӣ менамояд;

-иҷораи молиявӣ (лизинг);

-амалиёт бо металлу сангҳои қиматбаҳо мутобиқи қонунгузорӣ;

-хизматрасонӣ ба сифати агенти молиявӣ;

-хизматрасонӣ ба сифати мушовир ё маслиҳатгари молиявӣ;
-хизматрасонии иттилооти молиявӣ ва қарзӣ (кредитӣ).

3.4 Бонк ҳуқуқ дорад дар таъсиси ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо)-и бонкҳо ширкат варзад ва ҳамчунин дар фаъолияти онҳо иштирок намояд.

## МОДДАИ IV – ВАЗЪИ ХУҚУҚИИ БОНК.

4.1 Бонк Ҷамъияти саҳомии кушода мебошад.

4.2 Бонк шахси ҳуқуқӣ буда, барои фаъолият кардан ўҳдадориҳоеро ба зимма дорад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст. Бонк мўҳри мудаввар бо нишон додани номгўи пурраи фирмавӣ, штампҳо ва бланкаҳо бо номгўи фирмавии худ ва дигар воситаҳои тасвирии шинохташаванда дорад.

4.3 Бонк амволи алоҳида дорад, ки дар тавозуни мустақили он ба ҳисоб гирифта шуда, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии шахсиро ба даст орад, ўҳдадор бошад, ҳамчун даъвогар ва ҷавобгар дар суд баромад кунад.

4.4 Бонк бо риояи талаботи қонунгузории амалкунанда метавонад дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон филиалҳо таъсис диҳад ва намояндагиҳо кушояд. Бонк ва филиалҳои он метавонанд берун аз маҳалли воқеъгардидаи худ воҳидҳои дигари сохториро (марказҳои хизматрасонии бонкӣ, нуқтаҳои интиқоли пулӣ, нуқтаи мубодилаи асъор ва ғайра) бо тартиби муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон таъсис диҳад.

Бонк дар шаҳрҳои Душанбе, Истаравшан, Исфара, Конибодом, Кўлоб, Кўрғонтеппа, Панҷакент, Хуҷанд, Чкалов, Турсунзода, Ваҳдат ва дар ноҳияҳои Ашт, Абдураҳмони Ҷомӣ, Бобоҷон Ғафуров, Восеъ, Ёвон, Мастчоҳ, Рўдаки, Ҷалолиддини Румӣ, Панҷ, Спитамен, Фархор, Хисор, Қумсангир, Ҷаббор Расулов филиалҳо дорад.

4.5 Бонк ҳуқуқ дорад берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон филиалҳо таъсис диҳад ва намояндагиҳо кушояд. Таъсис додани филиалҳо ва кушодани намояндагиҳо тибқи қонунгузории давлати хориҷии маҳалли ҷойгиршавии филиал ё намояндагӣ сурат мегирад, агар дар шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

4.6 Филиалҳо ва намояндагиҳо шахсони ҳуқуқӣ намебошанд ва фаъолияти худро мувофиқи санадҳои меъёрии Бонк ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебароранд. Дар хусуси бастани филиалҳои худ, Бонк бояд Бонки миллии Тоҷикистонро хабардор намояд.

4.7 Бонк барои ўҳдадориҳои худ бо ҳамаи амволи таалуқдоштааш масъул аст. Бонк аз рўи ўҳдадории саҳмдорон ҷавобгар нест ва саҳмдорон барои ўҳдадории Бонк ҷавобгар намебошанд. Саҳмдор ба андозаи арзиши саҳмияҳои ба ў таалуқдошта, дорои хавфи зараре мебошад, ки бо фаъолияти Бонк алоқаманд аст. Бонк аз рўи ўҳдадориҳои давлат ҷавобгар нест. Давлат аз рўи ўҳдадориҳои Бонк ҷавобгар нест.

## МОДДАИ V – САРМОЯИ ОИННОМАВИИ БОНК.

5.1 Сармояи оинномавии Бонк 125304690,00 (Яксаду бисту панч миллиону сесаду чор хазору шашсаду навад) сомониро ташкил медиҳад.

5.2 Бонк 544803 (Панҷсаду чилу чор ҳазору ҳаштсаду се) дона саҳмияҳои оддиро бо арзиши номиналии ҳар як саҳмия 230 (Дусаду си) сомони мебарорад.

5.3 Сармояи оинномавии Бонк мумкин аст зиёд ё кам карда шавад. Қарор оид ба зиёд ё кам кардани сармояи оинномавиро Маҷлиси умумии саҳмдорон қабул мекунад.

5.4 Ҳар вақт, агар Бонк қарор қабул намояд, ки шумораи иловагии саҳмияҳо мебарорад, ҳар як саҳмдор ҳуқуқи афзалиятноки ба даст овардани саҳмияҳои иловагии баровардамешударо мутаносибан ба шумораи саҳмияи таалуқдоштааш, дорад.

5.5 Иштироки шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ҳамчунин бонкҳо ва ширкатҳо дар фаъолияти Бонк оиди баровардан ва паҳнкунии саҳмияҳо мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

5.6 Ҳадди ақали сармояи танзимшавандаи Бонкро, Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

5.7 Бонк наметавонад сармояи худро аз ҳисоби воситаҳои буҷети давлатӣ, фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ, грантҳое, ки ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд, воситаҳои ҷалбшуда ва қарзӣ (кредитӣ) ташаккул диҳад ва зиёд намояд.

5.8 Бонк наметавонад даромади софи худро ҳамчун суди (дивиденди) саҳмия байни саҳмиядорони худ тақсим кунад, агар ин гуна амал боиси риоя накардани меъёрҳои иқтисодии Бонки миллии Тоҷикистон гардад.

5.9 Бонк наметавонад даромади софи худро то пўшонидани ҳамаи хароҷоти марбут ба таъсисёбии худ, дар байни саҳмдорон ҳамчун суди (дивиденди) саҳмия тақсим намояд.
5.10 Бонк аз ҳисоби фоидаи Бонк, Фонди захиравӣ ва Фонди рушди Бонкро, ки моликияти Бонк ба ҳисоб меравад, ташаккул медиҳад:

- Фонди захиравии Бонк то 10 (Даҳ) фоиз аз сармояи софи асосиро ташкил медиҳад ва бо роҳи ҳиссаҷудокунии ҳарсола аз фоидаи софи Бонк, бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон, ташаккул дода мешавад. Маблағҳои Фонди захиравӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мувофиқи қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон истифода бурда мешаванд.
- Фонди рушди Бонк то 55 (Панҷоҳу панҷ) фоиз аз сармояи софи асосиро ташкил медиҳад ва бо роҳи ҳиссаҷудокунии ҳарсола аз фоидаи софи Бонк, бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон, ташаккул дода мешавад. Маблағҳои Фонди рушди Бонк тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мувофиқи қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон истифода бурда мешаванд. Маблағҳои Фонди рушди Бонк метавонанд ба дигар эҳтиёҷот ё ба фондҳои Бонк бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон аз нав тақсимот карда шаванд.

## МОДДАИ VI – ГУЗАШТИ ҲУҚУҚ БА САҲМИЯҲОИ БОНК

6.1 Ҳуқуқ ба саҳмияҳо ба шахси дигар гузаштанаш мумкин аст. Гузашти ҳуқуқ ба саҳмия маънои онро дорад, ки бастани аҳд ва пайдоиши ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба он, танҳо баъди бо тартиби муқарраргардидаи бақайдгирии аҳд ва дохил намудани тағйиротҳои лозимӣ ба феҳристи саҳмдорон сурат мегирад.
6.2 Нигоҳдорандаи феҳрист ўҳдадор аст, гузашти ҳуқуқи саҳмияро ба шахси дигар мувофиқи тартиби муқарраргардидаи қонун ба қайд гирад.
6.3 Саҳмдоре, ки ҳуқуқҳояшро медиҳад, то лаҳзае ки номи ворисi қонунӣ ба феҳристи саҳмдорон дохил карда нашавад, дорандаи саҳмияҳои додашаванда боқӣ мемонад.
6.4 Ҳуқуқҳои ба ҳар як саҳмия додашуда ба ҳуқуқҳои ҳамон намуди саҳмия баробар тасниф мешаванд.

## МОДДАИ VII – ҲУҚУҚ ВА ЎҲДАДОРИҲОИ САҲМДОРИ БОНК

7.1 Саҳмдор ҳуқуқ дорад:
7.1.1 Дар идоракунии Бонк иштирок намояд;
7.1.2 Суди саҳмияро (дивиденд) гирад;
7.1.3 Қисми амволеро, ки баъди барҳам додани Бонк, боқӣ мондааст, гирад;
7.1.4 Дар Маҷлиси умумии саҳмдорон бо ҳуқуқи овоз додан дар ҳалли ҳамаи масъалаҳое, ки ба овоздиҳӣ гузошта мешаванд, иштирок намуда, нусхаи пайнавиштҳои ин маҷлисҳоро дархост намояд;
7.1.5 Ба феҳристи саҳмдорон дохил кардани сабти дахлдорро талаб намояд ва иқтибосро аз феҳристи саҳмдорон гирад;
7.1.6 Гузаронидани Маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмдоронро талаб намояд, агар саҳмдор ё саҳмдороне, ки дар маҷмўъ соҳиби на камтар аз 10% (Даҳ фоизи) саҳмияҳои овоздор ба санаи пешниҳоди талабот, бошанд;
7.1.7 Ворид намудани масъалаҳо ба рўзномаи Маҷлиси умумии саҳмдорон, пешниҳоди номзадҳо барои интихоб ба Шўрои Нозирон, Комиссияи баҳисобгириро талаб намояд, агар саҳмдор ё саҳмдороне, ки дар маҷмўъ соҳиби на камтар аз 2% (Ду фоизи) саҳмияҳои овоздор бошанд;
7.1.8 Аз болои қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон, ки бо вайрон намудани талаботҳои қонунгузорӣ қабул шудааст, ба суд шикоят оварад;
7.1.9 Ба ҳайати Шўрои Нозирон интихоб шавад;
7.1.10 Ҳар вақт, гузаронидани санҷиши аудиториро аз ҳисоби худ, талаб намояд;
7.1.11 Оиди фаъолияти Бонк маълумот гирад, бо ҳисоботҳои солонаи молияви шинос гардад.
7.2 Саҳмдор ўҳдадор аст:
7.2.1 Ба шахсони сеюм маълумоти махфи ва сирри бонкиро ошкор насозад;
7.2.2 Дар давоми 5 (Панҷ) рўз нигоҳдорандаи феҳристи Бонкро оиди ҳар гуна тағйиротҳо ба маълумотҳое, ки доир ба дохил кардани саҳмдор ба феҳристи саҳмдорон вобаста аст, дар шакли хаттӣ огоҳ намояд.
7.3 Саҳмдор ҳамчунин дигар ҳуқуқу ўҳдадориҳоеро, ки дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, дорад.

## МОДДАИ VIII – ФЕҲРИСТИ САҲМДОРОНИ БОНК

8.1 Саҳмдор аз лаҳзаи бақайдгирии ӯ ҳамчун саҳмдор, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу ӯҳдадориҳоро пайдо мекунад.
8.2 Дорандаи феҳрист, бо тартиби муқаррарнамудаи қонун, феҳристи саҳмдоронро мебарад.
8.3 Дар феҳристи саҳмдорони Бонк маълумотҳо дар бораи шахси ба қайд гирифташуда, шумора ва намуди (навъи) саҳмияҳо, ки ба номи шахси ба қайд гирифташуда сабт шудааст, инчунин дигар маълумоти пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр карда мешавад.
8.4 Саҳмдор метавонад бо дархости хаттӣ аз дорандаи феҳрист, иқтибосро аз феҳристи саҳмдорон оиди саҳмдор буданаш, ки бо мӯҳр тасдиқ шудааст, гирад.
8.5 Саҳмдор дар давоми 5 (Панҷ) рӯз Бонкро ба тариқи хаттӣ оиди ҳамаи тағйиротҳое, ки ба феҳристи саҳмдорон вобаста ба ворид намудани саҳмдор ба феҳристи саҳмдорон дохил карда шудааст, хабардор мекунад.
8.6 Сабтҳо ба феҳристи саҳмдорони Бонк, оид ба гузаштани ҳуқуқи соҳибият ба саҳмияҳо, оид ба гузаштани ҳуқуқ ба саҳмияҳо аз соҳиби он ба дорандаи номиналӣ (ҳамчунин амалиёти баръакс), оид ба гарав гузоштани саҳмияҳо ва қатъ намудани гарав, оид ба табдили вомбаргҳо ба саҳмияҳо, инчунин оид ба дигар тағйиротҳо бо талаби саҳмдор ё дорандаи номиналии саҳмияҳо дар мӯҳлати на дертар аз 3 (Се) рӯз аз рӯзи пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, ба амал бароварда мешавад.
8.7 Рад кардан аз ворид намудани сабт ба феҳристи саҳмдорони Бонк, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, манъ аст. Дар ҳолати рад кардани ворид намудани сабт ба феҳристи саҳмдорони Бонк, дорандаи феҳрист дар давоми 5 (Панҷ) рӯз аз лаҳзаи пешниҳоди талабот дар бораи ворид намудани сабт ба феҳристи саҳмдорон ба шахсе, ки ворид намудани сабтро талаб мекунад, оиди рад кардани ворид намудани сабт, огоҳиномаи асоснок ирсол менамояд.
Оиди рад кардан ва саркашӣ намудан аз ворид намудани сабт ба феҳристи саҳмдорон, ба суд шикоят кардан мумкин аст. Бо қарори суд, дорандаи феҳрист ӯҳдадор аст ба феҳрист сабти дахлдорро ворид созад.
8.8 Дорандаи феҳрист ӯхдадор аст, бо талаби саҳмдор ё дорандаи номиналии саҳмияҳо, ҳуқуқҳои ӯро ба саҳмияҳо бо пешниҳоди иқтибос аз феҳристи саҳмдорон, ки қоғази қиматнок намебошад, тасдиқ намояд.

## МОДДАИ IX– ТАРТИБ ДОДАНИ РӮЙХАТИ ШАХСОН БАРОИ ИШТИРОК ДАР МАҶЛИСИ УМУМИИ САҲМДОРОН

9.1 Рӯйхати шахсони дорои ҳуқуқи иштирок дар Маҷлиси умумии саҳмдорон, дар асоси маълумотҳои феҳристи саҳмдорони Бонк тартиб дода мешавад. Санаи муқаррар кардани рӯйхати шахсони дорои ҳуқуқи иштирок дар Маҷлиси умумии саҳмдорон, аз санаи қабули қарор оид ба гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон барвақт ва бештар аз 50 (Панҷоҳ) рӯз пеш аз оғози маҷлис буда наметавонад.
9.2. Барои таҳияи рӯйхати шахсони дорои ҳуқуқи иштирок дар Маҷлиси умумии саҳмдорон, дорандаи номиналии саҳмияҳо дар рӯзи таҳияи рӯйхат дар бораи шахсоне, ки ӯ саҳмияҳоро ба манфиати онҳо соҳибӣ мекунад, маълумот пешниҳод менамояд.
9.3 Рӯйхати шахсони дорои ҳуқуқи иштирок дар Маҷлиси умумии саҳмдорон чунин маълумотҳоро дар бар мегирад: ном (номгӯй)-и ҳар як чунин шахс, маълумот дар бораи миқдор ва намуди (навъи) саҳмияҳо, ки нисбат ба онҳо ҳуқуқи овоздиҳӣ дорад, суроғаи почтавӣ, ки тариқи он иттилоот дар мавриди гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон ирсол мегардад, бюллетени овоздиҳӣ, агар овоздиҳӣ ирсоли бюллетенҳои овоздиҳӣ ва ҳисобот оид ба натиҷаи овоздиҳиро тақозо намояд.
9.4 Дар сурати баъди санаи таҳияи рӯйхат ва то санаи гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон аз шахс ба шахс гузаштани ҳуқуқи соҳибияти саҳмияҳо харидор (саҳмдори нав) ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки номаш ба рӯйхати шахсони дорои ҳуқуқи иштирок дар Маҷлиси умумии саҳмдорон, дохил карда шавад.

## МОДДАИ X – МАҶЛИСИ УМУМИИ САҲМДОРОН

10.1 Маҷлиси умумии саҳмдорон мақоми олии идоракунии Бонк мебошад.
10.2 Бонк ӯҳдадор аст ҳар сол Маҷлиси умумии саҳмдоронро гузаронад.

Маҷлиси умумии саҳмдорон дар мӯҳлати на барвақтар аз 2 (Ду) моҳ ва на дертар аз 6 (Шаш) моҳи баъди ба охир расидани соли молиявӣ гузаронида мешавад.
10.3 Маҷлисҳои умумии саҳмдорон, ки ба ғайр аз Маҷлиси солона гузаронида мешаванд, ғайринавбати ҳисоб меёбанд.
10.4 Маҷлиси умумии саҳмдоронро Шӯрои Нозирон даъват мекунад.
10.5 Маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмдорон бо ташаббус ва қарори Шӯрои Нозирон, бо талаби Кумитаи аудит, аудитор, инчунин бо талаби саҳмдор ё саҳмдороне, ки соҳиби на камтар аз 10% (Даҳ фоизи) саҳмияҳои овоздор дар санаи пешниҳоди талабот мебошанд, даъват карда мешавад.

## МОДДАИ XI –ОГОҲОНИДАН ОИДИ МАҶЛИСИ УМУМИИ САҲМДОРОН

11.1 Оиди гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон на дертар аз 20 (Бист) рӯз то оғози маҷлис хабар дода мешавад. Оиди гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон, ки дар рӯзномаи он масъалаи азнавташкилдиҳии Бонк гузошта шудааст, дар мӯҳлати на дертар аз 30 (Си) рӯз то санаи гузаронидани он хабар дода мешавад. Оиди гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон, ҳар як саҳмдор дар мӯҳлатҳои зикргардида бо тарзҳои зерин хабардор карда мешавад: тавассути мактуби фармоишӣ, ё ин ки бо хабарномаи хаттӣ бо гирифтани имзо, ё ин ки бо таври алоқаи электронӣ, ё ин ки тавассути воситаҳои ахбори умум хабар дода мешавад, ё ин ки дар нашрияҳои «Согдийская правда», «Азия-Плюс» иттилоот чоп мешавад. Дар ин иттилоот номгӯи пурра ва маҳалли ҷойгиршавии Бонк, шакли гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон, сана, маҳал ва вақти гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон, рӯзномаи Маҷлиси умумии саҳмдорон, тартиби шиносоӣ бо иттилооте (маводҳое), ки бояд ҳангоми гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон пешниҳод гардад, ва суроғае, ки тавассути вай бо он шинос шудан мумкин аст, қайд карда мешаванд.
11.2 Саҳмдор ё саҳмдороне, ки дар банди 7.1.7 дарҷ гардидаанд, ҳуқуқ доранд дар мӯҳлати на дертар аз 60 (Шаст) рӯзи баъди ба охир расидани соли молиявӣ ба рӯзномаи Маҷлиси солонаи умумии саҳмдорон масъалаҳоро дохил намоянд ва номзадҳоро ба Шӯрои Нозирон, Комиссияи баҳисобгирӣ пешбарӣ намоянд.

## МОДДАИ XII – ТАРТИБ ВА САЛОҲИЯТИ МАҶЛИСИ УМУМИИ САҲМДОРОН

12.1 Маҷлиси умумии саҳмдорон дар сурате босалоҳият аст (дорои кворум), ки агар дар он саҳмдорони дар маҷмӯъ дорои беш аз нисфи (50%) саҳмияҳои овоздор иштирок намоянд. Саҳмдорон ё намояндаи онҳо, ки ба рӯйхати саҳмдорон дохил карда шудаанд, ба шарте иштироккунандаи Маҷлиси умумии саҳмдорон ҳисобида мешаванд, ки барои иштирок дар он аз қайд гузашта бошанд.
12.2 Қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон мумкин аст бе гузаронидани маҷлис (иштироки якҷояи саҳмдорон барои муҳокимаи масъалаи рӯзнома ва қабули қарор оид ба масъалаҳои барои овоздиҳӣ гузошташуда) тавассути овоздиҳии ғоибона қабул карда шавад.

Маҷлиси умумии саҳмдоронро, ки рӯзномаи он масъалаҳои интихоби Шӯрои Нозирон, тасдиқи аудитор, тасдиқи ҳисоботи солона, ҳисоботи муҳосибавии солона, аз ҷумла ҳисобот дар бораи фоида ва зарари (ҳисоби фоида ва зарар) Бонк, инчунин тақсими фоида аз ҷумла пардохти (эълони) суди саҳмияҳо ва товони зарари Бонк аз рӯи натиҷаҳои соли молиявиро дар бар мегирад, дар шакли овоздиҳии ғоибона гузаронидан мумкин нест.
12.3 Овоздиҳӣ дар Маҷлиси умумии саҳмдорон аз рӯи усули «як саҳмияи овоздор - як овоз» сурат мегирад, ба истисноии ҳолатҳои гузаронидани овоздиҳии кумулятивӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд. Овоздиҳӣ аз рӯи масъалаҳои рӯзномаи Маҷлиси умумии саҳмдорон бо шакли овоздиҳии кушод сурат мегирад. Овоздиҳӣ аз рӯи масъалаҳои рӯзномаи Маҷлиси умумии саҳмдорон, ки дар шакли овоздиҳии ғоибона гузаронида мешавад, танҳо тавассути бюллетенҳои овоздиҳӣ сурат мегирад.
12.4 Ҳангоми мавҷуд набудани кворум барои гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмдорон, Маҷлиси такрории умумии саҳмдорон бо ҳамон рӯзнома гузаронида мешавад. Маҷлиси такрории умумии саҳмдорон ба шарте салоҳиятдор (дорои кворум) аст, ки агар дар он саҳмдорони дар маҷмӯъ дорои на камтар аз 30% (Си фоизи) саҳмияҳои овоздор иштирок намоянд.
12.5 Раиси Шӯрои Нозирон дар Маҷлисҳои умумии саҳмдорон раисӣ мекунад. Агар ин шахс дар давоми 30 (Сӣ) дақиқа аз вақти таъиншудаи оғози маҷлис ҳозир нашавад ё ки ин шахс хоҳиши амал карданро надошта бошад, пас саҳмдорони ҳузурдошта, аз байни аъзоёни Шӯрои

Нозирон (дар асоси аксарияти оддии овозҳои ҳузурдоштагон) барои дар Маҷлиси умумии саҳмдорон раисӣ кардан, як нафарро интихоб менамоянд.
12.6 Раиси маҷлис бо розигии саҳмдорон, ки дар он кворум ҳаст, метавонад (ва ӯҳдадор аст, агар маҷлис хоҳиши онро дошта бошад) ба кори маҷлис танаффус эълон намояд ва гузаронидани маҷлисро ба вақти дигар ва аз як ҷой ба ҷойи дигар, гузаронад. Дар маҷлиси ба вақти дигар гузаронидашуда, танҳо он масъалаҳое баррасӣ мешаванд, ки дар маҷлиси қатъкардашуда баррасӣ нагардидаанд. Агар дар рафти Маҷлиси умумии саҳмдорон ба мӯҳлати зиёда аз 30 (Сӣ) рӯз танаффус эълон карда шавад, пас огоҳонидан оид ба аз нав барпо гаштани маҷлиси қатъкардашуда, мувофиқи тартиби огоҳонидани маҷлиси аввалин сурат мегирад, дар акси ҳол ягон хел огоҳинома дода намешавад.
12.7 Шахси ба сифати раисикунандаи Маҷлиси умумии саҳмдорон интихоб шуда, дорои ҳуқуқи овоздиҳӣ аст, аммо ҳуқуқи овози ҳалкунандаро надорад.
12.8 Ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон масъалаҳои зерин дохил мешаванд:
12.8.1 Қабул намудани Оинномаи Бонк, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Оинномa, ҳамчунин тасдиқ намудани он дар таҳрири нав;
12.8.2 Азнавташкилдиҳии ихтиёрии Бонк;
12.8.3 Барҳамдиҳии Бонк, таъин намудани комиссияи барҳамдиҳи ва тасдиқ кардани тавозуни фосилавӣ ва ниҳоии барҳамдиҳӣ;
12.8.4 Муайян намудани шумораи ҳайати Шӯрои Нозирони Бонк, интихоб намудани аъзоёни он ва пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколати онҳо;
12.8.5 Муайян намудани миқдор, арзиши номиналӣ, намуди (навъ) саҳмияҳои эълон шуда ва вомбаргҳо ва ҳамчунин ҳуқуқҳое, ки ба ин саҳмияҳо ва вомбаргҳо дода шудааст;
12.8.6 Зиёд кардани сармояи Оинномавии Бонк бо роҳи зиёд кардани арзиши номиналии саҳмияҳо ё бо роҳи паҳн кардани саҳмияҳои иловагӣ;
12.8.7 Кам кардани сармояи Оинномавии Бонк бо роҳи кам кардани арзиши номиналии саҳмияҳо, бо роҳи харидани як қисми ин саҳмияҳо бо мақсади кам кардани миқдори умумии онҳо ва инчунин бо роҳи пардохти арзиши саҳмияҳои ба дастоварда ё азнавхарида;
12.8.8 Тасдиқи аудитори Бонк ва подошпулии он;
12.8.9 Тасдиқ намудани ҳисоботҳои молиявии солона, ҳисоботи солонаи муҳосибавӣ, аз он ҷумла ҳисоботҳои фоида ва зиён (ҳисобии фоида ва зиён), инчунин тақсимоти фоида ва зиёни Бонк аз рӯи ҷамъбасти соли молиявӣ. Маҷлиси умумии саҳмдорон ҳуқуқ надорад бе ҳисоботи аудитӣ, ҳисоботи солонаи молиявиро тасдиқ намояд;
12.8.10 Тасдиқи дастури кори Маҷлиси умумии саҳмдорон.
12.8.11 Интихоби аъзои Комиссияи баҳисобгирӣ ва пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколати онҳо;
12.8.12 А) Қабул намудани қарор оид ба маъқул донистани ҳама гуна аҳдҳои калон, ки ба харид, бегона кардан ё эҳтимоли аз ҷониби Бонк мустақим ё ғайримустақим бегона кардани молу мулк вобаста аст, ҳамчунин ҷалби маблағҳо, ки арзиши он 5% (Панҷ фоиз) ё бештари арзиши умумии тавозунии дороиҳои Бонкро ба ҳолати санаи ҳисоботии охирин, ташкил медиҳад, ба истиснои аҳдҳои бо хариду фурӯши асъори хориҷӣ алоқаманд, амалиётҳои бо паҳн кардани вомбаргҳо ва саҳмияҳои аллакай баровардашудаи оддии Бонк вобастабуда, ва инчунин амалиётҳое, ки дар ҷараёни фаъолияти маъмулии хоҷагидории Бонк ба миён меоянд.
Б) Қабул намудани қарор оид ба маъқул донистани ҳама гуна қарз, кредит, гарав, кафолатҳои калон ба як ё гурӯҳи ба ҳам алоқаманди қарзгирҳо, ки арзиши онҳо 20% (бист фоиз) ё бештари арзиши софи дороиҳои Бонкро ба ҳолати санаи ҳисоботии охирин ташкил медиҳад, ва инчунин қарзҳо, гарав, кафолат ба қарзгирони мавҷуда ё гурӯҳи ба ҳам алоқаманди қарзгирон, ки дар маҷмӯъ бо қарзҳо, гарав ё кафолатҳои мавҷуда 20% (бист фоиз) ё бештари арзиши софи дороиҳои Бонкро ташкил медиҳанд.
В) Қабул намудани қарор оид ба маъқул донистани ҳар гуна аҳдҳои калоне, ки бо хариду фурӯши асъори хориҷӣ вобаста буда, аз маблағи ҳамарзи 10000000,00 (Даҳ миллион) доллари ИМА зиёд мебошад.
12.8.13 Харидани саҳмияҳои паҳнкардашуда бо роҳи ба даст овардани қисми саҳмияҳои паҳнкардашуда, бо мақсади кам кардани миқдори умумии онҳо, агар Маҷлиси умумии саҳмдорон оиди кам кардани сармояи оинномавӣ бо роҳи ба даст овардани қисми саҳмияҳои паҳнкардашуда, бо мақсади кам кардани миқдори умумии онҳо, қарор қабул намояд;
12.8.14 Қабули қарорҳо дар бораи иштироки Бонк дар таъсис ё фаъолияти дигар шахсони ҳуқуқӣ бо роҳи супурдани як ё якчанд қисми дороии Бонк ба маблағе, ки дар маҷмӯъ 20% (Бист фоиз) ё бештари ҳамаи активҳои софи Бонкро ташкил медиҳад;
12.8.15 Тасдиқ намудани пардохти суди саҳмияҳо (дивиденд);
12.8.16 Тасдиқ намудани паҳнкунии саҳмияҳо дар бозорҳои молиявӣ;

12.8.17 Тасдиқ намудани ҳаҷми маоши Раис ва аъзоёни Шӯрои Нозирон;
12.8.18 Тасдиқ намудани Низомномаи Раёсат
12.8.19 Дигар масъалаҳое, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти саҳомӣ» ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон мансубанд.
12.9 Қарорҳои Маҷлиси умумии саҳмдорон бо аксарияти оддии овозҳо қабул карда мешаванд, ба истиснои масъалаҳои дар бандҳои 12.8.1, 12.8.2, 12.8.3, 12.8.6 ва 12.8.7 пешбинишуда, ки бо аксарияти аз чор се ҳиссаи овози саҳмдорон – соҳибони саҳмияҳои овоздор, ки дар Маҷлиси умумии саҳмдорон иштирок доранд, қабул карда мешаванд.
12.10 Маҷлиси умумии саҳмдорон ҳуқуқи баррасӣ намудани масъалаҳое, ки ба салоҳияти ӯ дохил намешаванд, надорад ва нисбати онҳо қарор қабул карда наметавонад.

## МОДДАИ XIII – ОВОЗҲОИ САҲМДОРОН.

13.1 Саҳмдоре, ки дар Маҷлиси умумии саҳмдорон шахсан, ё бо ваколатнома иштирок менамояд, ба ҳар як саҳмияи доштааш, ки ҳуқуқи овоз дорад, дорои як овоз аст.
13.2 Саҳмдорони корношоям ё бо қобилияти маҳдуд, метавонанд бо воситаи намояндаҳои қонуниашон овоз диҳанд.
13.3 Агар саҳмдор дар рӯзи даъвати Маҷлиси умумии саҳмдорон бо тартиби муқарраргардида аз қайд нагузашта бошад, пас дар Маҷлиси умумии саҳмдорон ҳуқуқи овоздиҳи надорад.
13.4 Дар Маҷлиси умумии саҳмдорон бо шумораи беш аз сад нафар саҳмдорон - соҳибони саҳмияҳои овоздор мувофиқи қонунгузории амалкунандаи ҷамъиятҳои саҳомӣ, Комиссияи баҳисобгирӣ таъсис дода мешавад.
13.5 Шикоят ба саҳви овоздиҳӣ бояд дар Маҷлиси умумии саҳмдорон ё Маҷлиси умумии саҳмдорони қатъкардашуда, ки дар он ба овоз шикоят оварда шудааст, бояд муҳокима гардад. Шикояти саривақт пешниҳод кардашуда, ба Комиссияи баҳисобгирӣ ирсол мегардад.
13.6 Ба шарте, ки агар мӯҳлати ваколати Комиссияи баҳисобгирӣ ба охир расад, ё миқдори аъзоёни комиссия аз 3 (Се) нафар кам шавад, инчунин дар ҳолати барои иҷрои вазифаҳои худ камтар аз 3 (Се) нафар аъзоёни комиссия ҳозир шаванд, барои иҷрои вазифаҳои аъзои комиссия нигоҳдорандаи феҳрист ҷалб карда мешавад.
13.7 Комиссияи баҳисобгирӣ ваколатҳои шахсонеро, ки дар Маҷлиси умумии саҳмдорон иштирок менамоянд, тафтиш намуда, онҳоро ба қайд мегирад, мавҷуд будани кворуми Маҷлиси умумии саҳмдоронро муайян менамояд, масъалаҳоеро, ки бо амалӣ намудани ҳуқуқи овоздиҳии саҳмдорон (намояндаҳои саҳмдорон) дар Маҷлиси умумии саҳмдорон пайдо мегардад, шарҳ медиҳад, тартиби овоздиҳиро аз рӯи масъалаҳое, ки ба овоздиҳӣ гузошта шудаанд, шарҳ медиҳад, тартиби муқаррарнамудаи овоздиҳӣ ва ҳуқуқи саҳмдоронро барои иштирок дар овоздиҳӣ таъмин менамояд, овозҳоро ҳисоб намуда, натиҷаҳои овоздиҳиро ҷамъбаст менамояд, пайнавишти натиҷаҳои ҷамъбасти овоздиҳиро тартиб медиҳад, бюллетени овоздиҳиро ба бойгонӣ месупорад.
13.8 Аз рӯи ҷамъбасти овоздиҳӣ, Комиссияи баҳисобгирӣ пайнавишти Комиссияи баҳисобгириро оиди ҷамъбасти овоздиҳӣ тартиб медиҳад, ки аз тарафи аъзоёни Комиссияи баҳисобгирӣ ба имзо мерасад. Пайнавишт на дертар аз се рӯзи баъди пӯшидашавии Маҷлиси умумии саҳмдорон тартиб дода шуда, ба пайнавишти Маҷлиси умумии саҳмдорон ҳамроҳ карда мешавад.
13.9 Аъзои Комиссияи баҳисобгирӣ, ки бо ҷамъбасти овоздиҳӣ розӣ нест, санади норозигӣ таҳия менамояд ва он ба Маҷлиси умумии саҳмдорони ҳамон даъвате, ки дар он ин норозигӣ баён гардидааст, пешниҳод карда мешавад. Маҷлиси умумии саҳмдорон ҷамъбасти овоздиҳии Комиссияи баҳисобгирӣ ва санади норозигиро баррасӣ намуда, қарори қатъӣ қабул менамояд, ки ба пайнавишти Маҷлиси умумии саҳмдорон ҳамроҳ карда мешавад.
13.10 Аъзоёни Комиссияи баҳисобгирӣ танҳо барои ҳамон хароҷотҳое, ки дар вақти иҷрои вазифаҳои худ ба амал омадааст, ҷубронпулӣ мегиранд.

## МОДДАИ XIV – ВАКОЛАТНОМА

14.1 Ҳуқуқи иштирок дар Маҷлиси умумии саҳмдорон ҳам аз тарафи саҳмдор шахсан ва ҳам бо воситаи намояндаи ӯ ба амал баровардa мешавад. Намояндаи саҳмдор дар Маҷлиси умумии саҳмдорон мутобиқи ваколатҳое, ки дар ваколатнома дарҷ гардидааст, амал менамояд. Ваколатнома бояд мувофиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровардa шавад.

14.2 Ваколатнома бояд на дертар аз лаҳзаи оғози Маҷлиси умумии саҳмдорон ё маҷлиси қатъкардашуда пешниҳод карда шавад. Дар ҳолати сари вақт пешниҳод накардани ваколатнома, шахси ваколатдор ба иштирок дар Маҷлиси умумии саҳмдорон ё маҷлиси қатъкардашуда роҳ дода намешавад.
14.3 Дар ҳолати вафоти ваколатдиҳанда, беқобилият ё қобилияташ маҳдуд эътироф шудани ӯ, бекор намудани ваколатнома, ё ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқ ба саҳмияе, ки нисбати он ваколатнома дода шудааст, овозҳои бо воситаи ваколатгиранда додашуда эътироф карда мешаванд, агар Бонк то оғози Маҷлиси умумии саҳмдорон ё маҷлиси ба таъхиргузоштташуда, ки дар он ваколатнома истифода бурда мешавад, аз мақомотҳои салоҳиятдор оиди вафот ва ё оиди беқобилият ё қобилияташ маҳдуд эътироф шудани ваколатдиҳанда, ё оиди бекор намудани ваколатнома, ё гузаронидани ҳуқуқ ба саҳмия, огоҳинома нагирифта бошад. Ваколатномаҳое, ки берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд, мутобиқи қонунҳои ҳуқуқии маҳалли ҷойи додашудаи он ба роҳбарӣ гирифта мешаванд.

## МОДДАИ XV - ШӮРОИ НОЗИРОН

15.1 Шӯрои Нозирон – мақоми идоракунии Бонк мебошад.
15.2 Шӯрои Нозирон дар ҳудуди ваколатҳои худ роҳбарии умумии фаъолияти Бонкро, ба истиснои ҳалли масъалаҳое, ки ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон мансубанд, ба иҷро мерасонад. Шӯрои Нозирон барои муайян ва татбиқ кардани самтҳои асосии фаъолияти Бонк масъул мебошад. Шӯрои Нозирон стандартҳои идоракунии хавфҳо, сиёсати сармоягузорӣ, меъёрҳои ҳадди ақалли мақбули (пруденсиалии) дохилӣ ва низоми назорати дохилии Бонкро муқаррар менамояд.
15.3 Шӯрои Нозирон метавонад аз ҳисоби саҳмдорон, аз ҷумла муассисон ва мутахассисони даъватшудае, ки дорои таҳсилоти олӣ буда, шахсони аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод мебошанд, интихоб гардад.
Аъзои Шӯрои Нозирон бояд ба талаботи қонунгузории бонкӣ ҷавобгӯ бошанд
На камтар аз чор як ҳиссаи аъзои Шӯрои Нозирон бояд дар низоми бонкӣ таҷрибаи кории зиёда аз се сола дошта бошанд.
15.4 Шӯрои Нозирон на кам аз 5 (Панҷ) нафар аъзо иборат аст. Аъзоёни Шӯрои Нозирон дар Маҷлиси умумии саҳмдорон ба мӯҳлати 4 (Чор) сол интихоб мегарданд ва метавонанд дар давраҳои минбаъдаи мӯҳлаташон баробар аз нав интихоб шаванд.
15.5 Аъзои Шӯрои Нозирон ҳамчун шахси мансабдор мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул аст. Дар ҳолати иҷро накардани ӯҳдадориҳои худ, бо қарори Маҷлиси умумии саҳмдорон аъзои Шӯрои Нозирон аз ҳайати Шӯрои Нозирон хориҷ карда мешавад.
15.6 Раиси Шӯрои Нозирон аз ҳайати аъзоёни Шӯрои Нозирон аз тарафи худи Шӯрои Нозирон интихоб карда мешавад. Раиси Шӯрои Нозирон наметавонад Раиси Раёсат таъин карда шавад.
15.7 Ҷаласаҳои Шӯрои Нозирон на камтар аз 4 (Чор) маротиба дар як сол даъват карда мешаванд.

## МОДДАИ XVI – ОГОҲКУНИИ ҶАЛАСАҲОИ ШӮРОИ НОЗИРОН

16.1 Огоҳиномаи ҳар як ҷаласаи Шӯрои Нозирон на камтар аз 10 (Даҳ) рӯз пештар фиристода мешавад, дар он сана, ҷой ва вақти гузаронидани ҷаласа қайд карда шуда, рӯзномаи ҷаласа замима мегардад.
16.2 Ҷаласаи Шӯрои Нозирон бо ташаббуси худи Раиси Шӯрои Нозирон, бо талаби аъзоёни Шӯрои Нозирон, Кумитаи аудит, аудитор, саҳмдор ё саҳмдороне, ки дар маҷмӯъ соҳиби на камтар аз 10% (Даҳ фоизи) саҳмияи овоздор мебошанд, ҳамчунин бо талаби Раёсат, даъват карда мешавад.
16.3 Ба ҳар як аъзои Шӯрои Нозирон 10 (Даҳ) рӯз пештар аз рӯзи гузаронидани ҷаласаи Шӯрои Нозирон ахбороти зерин пешниҳод мегардад:
16.3.1 Пайнавишти ҷаласаи пешинаи Шӯрои Нозирон;
16.3.2 Ҳисоботи мавҷудбудаи охирони молиявӣ бо муқоисаи он бо буҷаи охирони солонаи тасдиқшуда, бизнеси миёна-мӯхлат ва тавзеҳот ба ҳамаи ихтилофҳои муҳими ҷойдошта байни ҳуҷҷатҳои дар боло номбаршуда;
16.3.3 Ҳисоботҳо доир ба маркетинг ва тараққиёти бизнес, дар куҷое ки қобили қабул аст;
16.3.4 Ҳисоботи семоҳаи сифати сандуқи қарзӣ ва маблағи қарзи гирифтаи Бонк, аз он ҷумла нақша-чорабиниҳои дахлдор оид ба ислоҳи вазъияти ба амал омада;
16.3.5 Ҳисоботҳои активхо, пассивҳо ва пардохтпазирӣ;

16.3.6 Ҳисоботи Кумитаи аудит, агар дар ҷаласаи пешинаи Шӯрои Нозирон чунин таклиф шуда бошад;
16.3.7 Лоиҳаи тафтиши нақша-бизнес ва лоиҳаи буҷаи фаврии солонаи, дар куҷое ки қобили қабул аст;
16.3.8 Дигар ҳуҷҷатҳо вобаста ба масъалаҳои ба рӯзномаи ҷаласа дохилгардида;
16.4 Ҳуҷҷатҳое, ки барои ҷаласаи Шӯрои Нозирон бо забони тоҷикӣ тайёр карда шудаанд, аз рӯи зарурият, то тақсим намудани онҳо, бояд ба забони русӣ ва англисӣ тарҷума карда шаванд.

## МОДДАИ XVII – ТАРТИБИ ҶАЛАСА ВА САЛОҲИЯТИ ШӮРОИ НОЗИРОН

17.1 Кворум барои гузаронидани ҷаласаи Шӯрои Нозирон бояд на кам аз нисфи аъзоёни Шӯрои Нозиронро ташкил намояд.
17.2 Ҳар як аъзои Шӯрои Нозирон дар вақти овоздиҳӣ доир ба қабули қарор аз рӯи масъалаҳои баррасишаванда дар ҷаласаи Шӯрои Нозирон дорои як овоз аст. Қарорҳои Шӯрои Нозирон бо аксарияти оддии овозҳо қабул ё рад карда мешаванд. Додани ҳуқуқи овоздиҳии аъзои Шӯрои Нозирон ба каси дигар, инчунин ба дигар аъзои Шӯрои Нозирон манъ аст. Аъзои Шӯрои Нозирон дар вақти қабули қарор, пешниҳод, розигӣ ё фикру мулоҳизаи худро метавонад тариқи электронӣ изҳор намояд.
17.3 Дар ҳолати баробарии овозҳо, Раиси Шӯрои Нозирон дорои ҳуқуқи овози ҳалкунанда аст.
17.4 Аъзоёни Шӯрои Нозирон ҳуқуқ надоранд аз овоздиҳӣ худдорӣ намоянд, ба истисноӣ маъқул донистани аҳдҳое (чунончи: қарз, кредит, гарав, замонат), ки дар баста шудани он аъзои Шӯрои Нозирон ҳавасманд мебошад. Дар чунин ҳолат қарор оид ба маъқул донистани аҳд бо аксарияти овозҳои аъзоёни Шӯрои Нозирон, ки аз овоздиҳи худдори нанамудаанд, қабул карда мешавад.
17.5 Рӯзномаи ҷаласаи Шӯрои Нозирон дар асоси таклифҳои аъзоёни Шӯрои Нозирон, Кумитаи аудит, Раиси Раёсат, саҳмдор ё саҳмдороне, ки дар маҷмӯъ дорои на кам аз 10% (Даҳ фоизи) саҳмияи овоздор мебошанд, тартиб дода мешавад. Раиси Шӯрои Нозирон барои фиристонидани огоҳинома ва тайёр намудани рӯзномаи ҷаласа масъул мебошад.
17.6 Ба салоҳияти Шӯрои Нозирон масъалаҳои зерин дохил мешаванд:
17.6.1 Муайян намудани ҳадафҳои фаъолияти Бонк ва дурнамои он, гирифтан ва баррасии ҳисоботҳои Раёсати Бонк, роҳбарии идоракунии Бонк;
17.6.2 Даъвати Маҷлиси солона ва ғайринавбатии умумии саҳмдорон,
17.6.3 Барпо кардани комиссияи баҳисобгирӣ ҳангоми овоздиҳии ғоибона бе гузаронидани ҷаласаи Маҷлиси умумии саҳмдорон;
17.6.4 Тасдиқ намудани рӯзномаи Маҷлиси умумии саҳмдорон, ба истисноӣ маҷлисҳои ғайринавбатие, ки бо талаби Раёсат, Кумитаи аудит ё мақомоти суд даъват шуда, рӯзномаи ин маҷлисҳо аз тарафи ҳамин мақомотҳо тайёр карда мешавад.
17.6.5 Муайян намудани санаи тартибдиҳии рӯйхати шахсоне, ки дар Маҷлиси умумии саҳмдорон ҳуқуқи иштирок доранд;
17.6.6 Тасдиқ намудани барориш, паҳн кардан, ба даст овардани қоғазҳои қиматноки эмиссионӣ, харидани саҳмияҳо, вомбаргҳо ва дигар қоғазҳои қиматноки паҳнкардаи бонк;
17.6.7 Таъсис додани Кумитаи аудит, муайян намудани андозаи пардохти подош ва ҷубронпулӣ ба аъзоёни Кумитаи аудит, тасдиқ намудани Низомномаи Кумитаи аудит;
17.6.8 Таъсис ва тасдиқи филиалҳо, кушодани намояндагиҳои Бонк ва бастани онҳо;
17.6.9 Тасдиқи нигоҳдорандаи феҳристи Бонк ва муқаррар намудани шартҳои бастан ва бекор кардани шартнома бо нигоҳдорандаи феҳрист;
17.6.10 Дар вақти зарурият, аз ҳайати аъзоёни Шӯрои Нозирон ва ё аз ҳайати дигар кормандони Бонк, таъсис додани кумитаҳо барои ҳалли масъалаҳои мушаххас;
17.6.11 Ба Маҷлиси умумии саҳмдорон додани тавсияҳо аз ҷумла тавсияҳо вобаста ба тараққиёт ва стратегияи фаъолияти Бонк;
17.6.12 Додани тавсияҳо ба Раёсати Бонк;
17.6.13 Тасдиқ ва дохил намудани тағйиру иловаҳо ба Сиёсати қарзӣ, ҳисобӣ, идоравӣ ва кадрӣ, инчунин ба дигар Сиёсатҳои Бонк;
17.6.14 Тасдиқ намудани тавсияҳо вобаста ба андозаи суди саҳмияҳо ва тартиби пардохти онҳо, ки ба Маҷлиси умумии саҳмдорон пешниҳод карда мешаванд.
17.6.15 Маъқул донистани додани қарзҳое, ки ҳаҷми он аз 10% (Даҳ фоизи) сармояи танзимкунандаи Бонк зиёд аст;
17.6.16 Маъқул донистани ҷалби маблағҳое, ки ҳаҷмашон аз 30% (Си фоизи) сармояи танзимкунандаи Бонк зиёд аст;

17.6.17 Маъқул донистани аҳдҳои байни Бонк ва Тарафҳои алоқаманд, саҳмдорон ва инсайдерон, ки ҳаҷми маблағашон аз 2% (Ду фоизи) ҳаҷми сармояи танзимкунандаи Бонк зиёд аст;
17.6.18 Маъқул донистани аҳдҳое, ки андозаи фоизии пешниходнамудаи Бонк, назар ба андозаҳои дар бозор бартаридошта пастар мебошад;
17.6.19 Идора кардан ва намояндаги намудани Бонк дар мавриди ихтилофоти манфиатҳо байни кормандони Бонк ва аъзоёни Раёсат;
17.6.20 Интихоб ва озод намудани аъзоёни Раёсат, инчунин Раиси Раёсат аз шумораи аъзоёни Раёсат, пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколати онҳо, муайян намудани музди маоши вазифавӣ, шартҳои пардохти музди маош ва мукофотпулии аъзоёни Раёсат;
17.6.21 Таъсис додани Хадамоти аудити дохилӣ ва тасдиқ намудани Низомномаи ин Хадамот, таъин кардан ва аз вазифа озод намудани Сараудитори дохилӣ, муайян намудани музди маоши вазифавӣ, шартҳои пардохти он ва мукофотпулии кормандони Хадамоти аудити дохилӣ;
17.6.22 Қабул кардани қарор дар бораи санҷиши умуми ё санҷиши ба таври алоҳида гирифташудаи соҳаи фаъолияти Бонк, гузаронидани аудити ҷори ё ғайринавбати.
17.6.23 Дар ҳолати дарёфт намудани вайронкунии қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси умумии саҳмдорон, Кумитаи аудит ва Раёсатро дар ин бора огоҳ намуда, фиристодани огоҳинома ба Бонки миллии Тоҷикистон;
17.6.24 Баррасии натиҷаҳои аудит, аз ҷумла тафтише, ки Бонки миллии Тоҷикистон мегузаронад ва андешидани чораҳои дахлдор аз рӯи натиҷаи онҳо;
17.6.25 Тасдиқ намудан ва даровардани тағйиру иловаҳо ба буҷети солона, стратегияи тараққиёти фаъолияти Бонк, бизнес-нақша;
17.6.26 Маъқул донистани фурӯши амволҳои Бонк ба маблағи зиёда аз 500000,00 (Панҷсад ҳазор) сомонӣ;
17.6.27 Тасдиқ намудани сохтори умумии идоракунии Бонк то ба сатҳи департаментҳо, муайян намудани маълумот оид ба Бонк ё фаъолияти он, ки сирри хизматӣ, тиҷоратӣ, сирри бонкӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро ташкил медиҳад, инчунин тартиби кушодани он ба шахсони сеюм аз ҷониби Бонк;
17.6.28 Дигар масъалаҳое, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ба салоҳияти Шӯрои Нозирон вогузошта шудааст.
17.7 Қарорҳои Шӯрои Нозирон бо аксарияти оддии овозҳои аъзоёни Шӯрои Нозирон қабул карда мешаванд, ба истиснои масъалаҳои дар бандҳои 17.6.8, 17.6.13, 17.6.15, 17.6.16, 17.6.17 ва 17.6.20 пешбинишуда, ки онҳо қабул карда ҳисоб мешаванд, агар барои қабули онҳо на кам аз 4 (Чор) аъзоёни Шӯрои Нозирон овоз дода бошанд.
17.8 Дар ҷаласаҳои Шӯрои Нозирон пайнавишт тартиб дода мешавад, ки аз тарафи раисикунанда ва котиби ҷаласа имзо мегардад. Пайнавишт дар муддати 3 (Се) рӯз тартиб дода мешавад, ва баъд аз он дар муддати 10 (Даҳ) рӯз аз рӯзи гузаронидани ҷаласа, ба ҳамаи аъзоёни Шӯрои Нозирон ирсол карда мешавад. Агар дар муддати 10 (Даҳ) рӯз аз лаҳзаи дастрас намудани пайнавишт ягон хел эътироз аз рӯи он аз тарафи аъзоёни Шӯрои Нозирон дохил нашавад, пас ин пайнавишт тасдиқшуда ҳисобида мешавад. Дар пайнавишт вақт ва ҷойи гузаронидани ҷаласа, ашхосе, ки дар ҷаласа иштирок менамоянд, рӯзномаи ҷаласа, масъалаҳои ба овоздиҳӣ гузошташуда ва натиҷаи ҷамъбасти овоздиҳӣ, қарорҳои қабулшуда қайд карда мешаванд.
17.9 Шӯрои Нозирон иҷрои муқарраротҳои Оинномаи мазкурро доимо таъмин менамояд.
17.10 Баррасии масъалаҳое, ки ба салоҳияти Шӯрои Нозирон мансубанд, барои баррасӣ ба Раёсат гузошта намешаванд.

## МОДДАИ XVIII – РАЁСАТ ВА ВАКОЛАТҲОИ ОН.

18.1 Роҳбарии ҷории фаъолияти Бонкро мақоми машваратии иҷроияи Бонк – Раёсати Бонк ба иҷро мерасонад. Раёсат фаъолияти ҳаррӯзаро мувофиқи қарорҳои Маҷлиси умумии саҳмдорон, Шӯрои Нозирон ва тибқи муқарраротҳои Оинномаи мазкур, идора менамояд.
18.2 Раёсатро Шӯрои Нозирон ба мӯҳлати то 4 (Чор) сол интихоб менамояд. Шумораи ҳайати Раёсат на кам аз 5 (Панҷ) аъзоро ташкил менамояд. Аъзоёни Раёсат ба мӯҳлати минбаъда аз нав интихоб шуда метавонанд. Аъзои Раёсат наметавонад аъзои Шӯрои нозирон интихоб гардад.
Раис ва аъзоёни Раёсат бояд ба талаботи қонунгузории бонкӣ ҷавобгӯ бошанд.
18.3 Раиси Раёсатро Шӯрои Нозирон аз ҳайати аъзоёни Раёсат интихоб менамояд. Раиси Раёсат наметавонад Раиси Шӯрои нозирон таъин карда шавад.

18.4 Огоҳинома оиди ҷаласаи Раёсат ба аъзоёни Раёсат ба ҳар намуд, аз ҷумла бо почтаи электронӣ, як рӯз пеш аз даъвати ҳамин ҷаласа пешниҳод мешавад
18.5 Дар ҷаласаҳо, Раёсат ҳар гуна масъалаҳоеро, ки ба салоҳияти он дохил мегардад, баррасӣ менамояд.
18.6 Раёсат барои иҷрои қарорҳои Шӯрои нозирон ва идоракунии амалиёти ҳаррӯзаи Бонк масъул мебошад.
18.7 Кворум барои гузаронидани ҷаласаи Раёсат бояд на кам аз нисфи аъзоёни Раёсатро ташкил намояд.
18.8 Ҳар як аъзои Раёсат дар вақти овоздиҳӣ доир ба қабули қарор аз рӯи масъалаҳои баррасишаванда дар маҷлиси Раёсат, дорои як овоз аст. Қарорҳои Раёсат бо аксарияти оддии овозҳо қабул карда мешаванд. Додани ҳуқуқи овоздиҳии аъзои Раёсат ба каси дигар, инчунин ба дигар аъзои Раёсат, манъ аст.
18.9 Дар ҳолати баробарии овозҳо, раисикунандаи ҷаласа дорои ҳуқуқи овози ҳалкунанда аст.
18.10 Аъзоёни Раёсат ҳуқуқ надоранд аз овоздиҳӣ худдорӣ намоянд.
18.11 Раис ё аъзои Раёсат, ки ҷаласаро даъват менамояд, барои фиристонидани огоҳиномаи гузаронидани ҷаласа, тайёр намудани рӯзномаи ҷаласа ва тартиби гузаронидани ҷаласаи Раёсат, масъул аст. Пайнавишти ҷаласаи Раёсат ба аъзоёни Шӯрои Нозирон, Кумитаи аудит ва аудитор бо талаби онҳо, пешниҳод мегардад.
18.12 Ба салоҳияти Раёсат масъалаҳои зерин дохил мешаванд:
18.12.1 Ба Шӯрои Нозирон оид ба масъалаҳое, ки ба стратегия, нақша-бизнес, буҷети Бонк вобаста аст, тавсияҳо пешниҳод намояд.
18.12.2 Ба Шӯрои Нозирон, вобаста ба сиёсати қарзӣ, ҳисобӣ, идоракунӣ, кадрӣ, инчунин вобаста ба дигар сиёсатҳои Бонк, тавсияҳо пешниҳод намояд;
18.12.3 Қабул намудани ҳисоботҳои воҳидҳои сохтории Бонк;
18.12.4 Тайёр намудани ахборот ва таклифҳо барои баррасӣ дар Маҷлиси умумии саҳмдорон ва Шӯрои Нозирон;
18.12.5 Баррасӣ намудани масъалаҳои гузаронидани амалиётҳои бонкӣ, иҷро намудани созишномаҳои байнибонкӣ, назорати гузаронидани ҳисобҳои муҳосибӣ, ҳисоботҳо ва масъалаҳои дохилӣ;
18.12.6 Интихоби кадрҳо, баланд бардоштани ихтисоси кормандон, баррасии масъалаҳо вобаста ба қарордодҳои (созишномаҳои) меҳнати ва идоракунии системаи пардохти музди меҳнат;
18.12.7 Қабул ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк, ба истисноя онҳое, ки қабул ва тасдиқи он аз рӯи Оинномаи мазкур ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон ва Шӯрои Нозирон гузошта шудааст;
18.12.8 Тасдиқ намудани тарофаҳо, меъёрҳои фоизӣ нисбат ба кредитҳо ва пасандозҳои бонкӣ (депозитҳо), комиссияҳо, ҷобаҷогузории ҷадвали мансабӣ ва инчунин сохтори идоракунии бонк дар сатҳи шӯъбаҳо, идораҳо ва сохтори идоракунии филиалҳо;
18.12.9 Тасдиқи аҳдҳои байни Бонк ва тарафҳои алоқаманд, саҳмдорон ва инсайдерон, ки ҳаҷми маблағашон зиёда аз 50000,00 (Панҷоҳ ҳазор) сомонӣ аст;
18.12.10. Тасдиқи аҳдҳои фурӯши амволҳои Бонк ба маблағи аз 100000,00 (Сад ҳазор) сомонӣ то 500000,00 (Панчсад ҳазор) сомонӣ;
18.12.11 Ҳал намудани масъалаҳое, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ба салоҳияти Раёсат вогузошта шудааст, инчунин масъалаҳое, ки ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон ва Шӯрои Нозирон дохил намегардад.
18.13 Раиси Раёсат фаъолияти ҷории Бонкро роҳбарӣ намуда, дорои ҳамаи ваколатҳое, ки Оинномаи мазкур, Низомномаи Раёсат ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамоянд, мебошад.
18.14 Ваколатҳои Раиси Раёсат:
18.14.1 Ташкили идоракунии фаъолияти Раёсатро таъмин менамояд ва дар ҷаласаҳои Раёсат раисӣ мекунад;
18.14.2 Иҷроиши қарорҳои Раёсат, Шӯрои Нозирон ва Маҷлиси умумии саҳмдоронро, таъмин менамояд;
18.14.3 Аз номи Бонк бе ваколатнома амал менамояд, аз ҷумла манфиатҳои онро ҳимоя менамояд, ваколатнома медиҳад, аз номи Бонк аҳдҳо мебандад, шартномаҳо ва созишномаҳоро ба имзо мерасонад, инчунин ба аъзоёни Раёсат ва кормандони Бонк ҳамин гуна ваколатҳоро бо тартиби муқаррарнамудаи қонун, медиҳад;

18.14.4 Фармонҳо, амрҳо мебарорад ва супоришҳо медиҳад, ки иҷро намудани онҳо аз тарафи ҳамаи кормандони Бонк ҳатмист;
18.14.5 Иҷроиши стратегияи Бонк, бизнес-нақша, буҷети Бонкро назорат менамояд;
18.14.6 Кормандони Бонкро ба кор қабул ва аз кор озод менамояд, қарордодҳои меҳнатӣ (созишномаҳо) мебандад, инчунин масъалаҳои пардохти музди кормандонро ҳал менамояд. Раиси Раёсат ҳуқуқ дорад, ба роҳбарони алоҳида ҳуқуқи қабул намудани ҳама ва ё як қисми қарорҳоро, ки аз муносибатҳои меҳнатӣ ва ё муносибатҳои ба он алоқаманд, бармеоянд, диҳад.
18.14.7 Ба ваколати Раиси Раёсат ҳамчунин дигар масъалаҳои ҷории фаъолият, ба истиснои масъалаҳое, ки ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмдорон ва Шӯрои Нозирон мансубанд, дохил мегардад.

## МОДДАИ XIX – КУМИТАИ АУДИТ

19.1 Дар Бонк Кумитаи аудит таъсис дода мешавад. Аъзои кумита ва Раиси он аз ҷониби Шӯрои Нозирон ба мӯҳлати 4 (Чор) сол интихоб карда мешаванд ва минбаъд ба мӯҳлати 4 (Чор) сол аз нав интихоб шуда метавонанд. Шумораи аъзоён ва тартиби кори Кумитаи аудит бо Низомнома «Дар бораи Кумитаи аудит», ки аз тарафи Шӯрои Нозирон қабул карда мешавад, муайян мегардад.
19.2 Раиси Шӯрои нозирон, Раис ва аъзоёни Раёсат, аъзои Кумитаи аудит буда наметавонанд.
19.3 Кумитаи аудит дар назди Шӯрои нозирон амал карда, дорои ваколату ӯҳдадориҳои зерин мебошад:
19.3.1 Баррасӣ ва тавсияи қабули нақшаи солонаи аудит, қоидаҳои ҳисобдорию назорати онҳо ва идоракунии хавфҳо дар Бонк;
19.3.2 Додани тавсия барои таъини аудитори берунии Бонк;
19.3.3 Баррасии ҳисоботи аудитори берунӣ оид ба ҳисоботи молиявии Бонк ва ба Шӯрои нозирон хабар додани ҳар гуна камбудиҳои ошкоршуда то лаҳзаи аз ҷониби Шӯрои нозирон маъқул донистани ҳисоботи молиявӣ;
19.3.4 Талаб кардани ҳисобот аз Сараудитори дохилии Бонк;
19.3.5 Мониторинги мутобиқати фаъолияти Бонк ба қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва пешниҳоди маълумот ба Шӯрои нозирон;
19.3.6 Баррасии ҳисоботи Бонк, ки ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мешавад;
19.3.7 Додани ҳисобот оид ба ҳар гуна масъалаҳое, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон дар назди Кумитаи аудит гузошта шудаанд;
19.3.8 Баррасии амалиёт ва аҳдҳои Бонк дар асоси нақшаҳои Кумитаи аудит, ки он мутобиқи дархости Шӯрои нозирон, дархости саҳмдор ё саҳмдороне, ки соҳиби на камтар аз 10% (Даҳ фоизи) саҳмияи овоздор мебошанд, қабул шудааст;
19.3.9 Пешниҳод намудани ҳисобот оид ба фаъолияти худ ба Маҷлиси умумии саҳмдорон на камтар аз як маротиба дар як сол.
19.4 Қарорҳои Кумитаи аудит бо аксарияти оддии овозҳои аъзоёни Кумитаи аудит қабул ва ё рад карда мешаванд. Дар ҳолати баробарии овозҳо, Раиси Кумитаи аудит дорои овози ҳалкунанда аст.
19.5 Ҷубронпулиҳои пардохтшаванда дар намуди музди кор ё ҳаққи хизмат (гонорар) ба аъзоёни Кумитаи аудит аз ҷониби Шӯрои Нозирон муайян карда мешаванд.

## МОДДАИ XX – ҲИСОБИ МУҲОСИБӢ

20.1 Соли молиявии Бонк 1 январ оғоз ёфта, 31 декабр ба охир мерасад. Баъди анҷоми соли молиявӣ, Бонк ҳисоботи молиявии аз тарафи Шӯрои Нозирон тасдиқшударо, ба саҳмдорон ва мизоҷони Бонк бо дархости онҳо пешниҳод менамояд, инчунин дар нашриёҳои воситаҳои ахбори умум чоп менамояд.
20.2 Барои гузаронидани аудити солона, Бонк ӯҳдадор аст он ташкилоти аудиториро ҷалб намояд, ки бо Бонк ё саҳмдорон манфиатҳои молу мулкӣ надошта бошад ва дар арсаи байналхалқӣ эътироф карда шуда бошад. Ташкилоти аудитории Бонкро Маҷлиси умумии саҳмдорон тасдиқ менамояд. Бонки миллии Тоҷикистон рӯйхати ташкилотҳои аудиториро, ки дорои иҷозатномаи дахлдор, тахассус ва таҷрибаи кофии аудити ташкилоти қарзӣ буда, аудити ташкилотҳои қарзиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида метавонанд, муайян менамояд ва нашр мекунад. Бонк танҳо аз рӯи ҳамин рӯйхат ташкилоти аудиториро барои гузаронидани аудит таъин менамояд. Бонк наметавонад як ташкилоти аудиториро ба мӯҳлати зиёда аз панҷ сол бе розигии хаттии Бонки миллии Тоҷикистон, пайдарпай, аудитор таъин намояд. Бонк дар

мўҳлати на дертар аз 30 (Си) рўзи баъди дастрасии хулосаи аудиторӣ нусхаи онро ба Бонки миллии Тоҷикистон ирсол мекунад.
20.3 Ҳамаи ҳуҷҷатҳо, аз он ҷумла ахбороти дар шакли электронӣ нигоҳ дошташуда, ки ба амалиётҳои бонкӣ таалуқ доранд, аз ҷониби Бонк ба мўҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад.
20.4 Бонк ҳамаи ҳисоботҳоеро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон талаб мекунанд, дар намуди талабкардашуда тайёр ва пешниҳод менамояд.
20.5. Раёсат мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур, барои ташкил, ҳолат ва саҳеҳии ҳисоби муҳосибӣ, пешниҳоди саривақтии ҳисоботи молиявӣ ва дигар ҳисоботҳо ба макомотҳои дахлдор, инчунин барои додани маълумотҳо доир ба фаъолияти Бонк, ки ба саҳмдорон, қарздиҳандагон ва васоити ахбори умум, пешниҳод карда мешаванд, масъул аст.
20.6 Ҳисоботи молиявӣ, дигар маълумотҳои молиявӣ ва коргузориҳои муҳосибавӣ аз ҷониби Бонк омода гардида, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандартҳои байналхалқии ҳисоботи муҳосибавӣ ба амал бароварда мешавад.

## МОДДАИ XXI – МУНОСИБАТҲОИ ҲАМДИГАРӢ БО МИЗОҶОН

21.1 Муносибатҳои ҳамдигарӣ байни Бонк ва мизоҷон дар асоси шартнома сурат мегирад.
21.2 Бонк ҳуқуқ дорад, мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон, ҳар гуна амалиётҳои бонкиро бо дигар бонкҳо гузаронад, ҳисобҳои муросилотӣ ва дигар намуди суратҳисобҳоро кушояд.
21.3 Бо мақсади пешравии манфиатҳои мизоҷони худ, Бонк метавонад бо дигар бонкҳо созишномаҳои дарозмуддат имзо намуда, хизматрасониҳои бонки расонад.
21.4 Бонк метавонад, аз шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин аз шахсони хориҷӣ пасандозҳо қабул намояд.
21.5 Бонк нигоҳдории пасандозҳоро таъмин намуда, дар назди амонатгузорон ўҳдадориҳои худро иҷро менамояд. Фоизҳои пасандозҳо бо хоҳиши амонатгузор дар шакли нақд ё ғайринақдӣ пардохта мешаванд.
21.6 Бонк оиди қоидаҳо ва шартҳои қабули пасандоз, додани кредит ва дигар намуди хизматрасониҳо, мизоҷонро хабардор менамояд.
21.7 Бонк шарту шароитҳои худ, низоми фаъолият, инчунин андозаи фоизҳо, тарофаҳо, ҳаққи хизмат ва дигар хароҷотҳоро мустақилона муайян менамояд.
21.8 Бонк ба мизоҷони худ махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳо, инчунин сирри бонкиро мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, кафолат медиҳад.

## МОДДАИ XXII – АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ БОНК.

22.1 Азнавташкилдиҳии (муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, табдилдиҳӣ) Бонк танҳо бо розигии пешакии Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгзории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ мегардад. Бонк қабл аз азнавташкилдиҳӣ дар мўҳлати на камтар аз 30 (Си) рўз пеш дар ин бора ба Бонки миллии Тоҷикистон дархости пешакӣ ирсол намуда, маълумоти заруририро пешкаш менамояд.
22.2 Бонк наметавонад амалиёти худро бе гирифтани розигии пешакии Бонки миллии Тоҷикистон ихтиёран қатъ намояд. Бонк пас аз гирифтани розигии Бонки миллии Тоҷикистон барои қатъи ихтиёрии амалиёт, бо пешниҳоди дархости хаттӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати бозхонди иҷозатнома, мувофиқи Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгзории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавонад барҳам дода шавад.
22.3 Ҳамаи активҳо, баъди ҳисоббаробаркунӣ бо қарздиҳандагон, пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки ба ўҳдадории Бонк дохил мешаванд, боқӣ мондаанд, байни саҳмдорон мутаносибан ба шумораи саҳмияҳои ба онҳо мансуб буда, тақсим карда мешаванд.

8 (хашт)

варақ саҳифабандӣ ва

дӯхташуда, мӯҳр гузошта шуд.

Раиси Шӯрои Нозирон

Каримов Р.Х.

Нусха ба асліаш баробар